# РУШДИ ЛУҒАВИИ ЗАБОН ВА ҶУЗЪҲОИ ВОҚЕИИ НУТҚ

**Хидиров Р. Г.**

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Аннотация.** Развитие словарного запаса любого конкретного языка зависит от социальности. Все изменения в обществе происходят, в первую очередь, в лексике языка.

Социальный характер языка, в целом, и его уровни, в частности, относятся к проблеме философии языка. К числу философских проблем языкознания относится изучение закономерностей проявления языка как объективного явления и направленной на него познавательной деятельности человеческого разума.

В каждой речи работает определенная часть языка, которая специфична для речи. Разница между языком и речью проявляется в их основных функциях.

**Ключевые слова:** социальный характер, новые лексические единицы, объективные явления, философия языкознания, средства связи, физическое лицо, языковой статус.

**Annotation.** The development of the vocabulary of any particular language depends on sociality. All changes in society occur primarily in the vocabulary of the language.

The social characteristics of the language as a whole and its levels partially relate to the problem of the philosophy of language. Among the philosophical problems of linguistics is the study of the laws of the manifestation of language as an objective phenomenon and the cognitive activity of the human mind directed at it.

In each speech, a certain part of the language works, which is specific to speech. The difference between language and speech is in their basic functions.

**Keywords**: social character, new lexical units, objective phenomena, philosophy of linguistics, means of communication, individual, language status.

Забон – зуҳуроти сирф иҷтимост. Барои он иҷтимоист, ки онро ҷомеа эҷод кардааст, он ба ҷомеа хизмат мекунад ва мавҷудияти худи ҷомеаро таъмин мекунад. Бе ҷомеа забон нест [11, 35].

Характери иҷтимоии забон бо он муайян карда мешавад, ки он таҷзияи бо воқеият алоқаманд аст [3, 125]. Хусусияти иҷтимоӣ на танҳо дар умум ба забон хос аст, балки чунин хусусиятро қариб ҳама сатҳи забон, аз ҷумла лексикаи он доранд. Р. А. Будагов комилан дуруст қайд мекунад, ки «Тамоми сатҳи рушди лексикаи ҳар як забони мушаххас вобастаи иҷтимоъ аст. Агар забони адабиро баррасӣ кунем, пас дараҷаи таҷзияи маъноҳо дар синонимҳо, тобишҳои нозуки лексикии байни калимаҳои «қабатҳои» гуногуни услубӣ, имкони ифода кардани мафҳумоти ҷадид бо ёрии воҳидҳои нави луғавӣ, маҳдудият дар таъсири мутақобилаи байни истилоҳҳо ва калимаҳои «ҳаётӣ», мисли бисёри дигар сатҳи рушди ин забон – сатҳи худ ба худ детерминатсияшудаи (муайяншудаи) иҷтимоиро нишон медиҳанд». Р. А. Будагов мехоҳад исбот кунад, ки тамоми табиати забонро иҷтимоъ муайян мекунад ва омилҳои беруниву дохилӣ байни ҳам таъсири мутақобилаи зич доранд [4, 134-135].

Лексика дар доираи рӯйдодҳои забон бештар ҳассос мебошад. Ҳамаи тағйироти дар ҷамъият рухдода метавонанд дар лексика инъикос худро ёбанд. Лексикаи забон зуҳуроти зиёд, ашхосҳо, инчунин аломатҳои онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми рушд ва такомули лексикаи забон нақши муҳимро соҳибони он, ки на танҳо калима, балки тарзҳои мухталифи алоқамандии байни калимаҳо, воситаҳои муайяни ин алоқаро месозанд. Масалан, мо якчанд воҳидҳои луғавие, ки дар солҳои охир дар забонҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, номбар менамоем: дар забони тоҷ. – ***наносохтор*** (наноструктура), ***наносистема*** (наносистема)***, нанотехника*** (нанотехника), ***солнома***// ***тақвим*** (календарь)***, гумрук*** (таможня), ***телефони мобилӣ*** (сотовый телефон), ***иқтисодиёти рақамӣ*** (цифровая экономика); ӯзб. - ***нанокурулма*** (наноструктуры),

***наносистема*** (наносистема)***,*** ***нанотехника*** (нанотехника)***,*** ***тақвим*** (календарь), ***мавзу*** (тема), ***маъруза*** (лекция), ***божхона*** (таможня), ***уяли алоқа*** (сотовая связь), ***мобил телефон*** (сотовый телефон), ***рақамли иқтисодиёт*** (цифровая экономика); турк. - ***гумрук*** // ***gümrük*** (таможня), ***учак*** // ***uçak*** (самолёт), ***жумҳурбашқани*** // ***cumhurbaskani*** (президент)***, башкент***//***başkent*** (столица)***;*** ***бошкан***// ***başkan*** (руководитель), ***кимлик*** // ***kimlik*** (паспорт)***;*** ***туганмас қалам*** // ***tùkenmez kalem*** (ручка), ***көнтузгу*** (календарь); қаз. ***аймоқ*** (область), ***аудан*** (район), ***көнтузгу*** (календарь)***,*** ***төлиқҳужжат*** (паспорт), ***зейнеткөр*** (пенсионер), ***желгер*** (арендатор), ***камкөр қағаз*** (рекомендация)***;*** ***жадалшоти*** (лифт), ***жадалхат*** (телеграмма) ва ғайраҳо.

Нақши муҳими инсон ҳангоми рушду такомули забон боз бо он муайян карда мешавад, ки ҳар гуна навигариро дар забон, дар сохти фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисии он фардҳо (ашхоси алоҳида) месозанд. Танҳо баъдан ҷомеа ин навгониро паҳн карда, дастраси умум мегардонад. Бинобар ин, он ақида комилан дуруст аст, ки забон берун аз ҷомеа наметавонад пайдо шавад, амал ва рушд кунад. Он маҳсули ҷомеа мебошад.

Характери иҷтимоии забон, дар умум ва сатҳҳои он, қисман, ба мушкилоти фалсафии забоншиносӣ мансубанд. Доираи суолҳои вобаста ба таҳқияи асосҳои фалсафии забоншиносӣ хеле васеъ аст ва худи доираи таҳқиқотро ҳанӯз ба таври кофӣ равшан муайяншуда ҳисобидан мумкин нест [7, 4]. Ба қатори мушкилоти фалсафии забоншиносӣ таҳқиқи зоҳиршавии қонунҳоро дар рушди забон ҳамчун зуҳуроти воқеӣ ва фаъолияти идрокии тафаккури инсон, ки ба он равона шудааст, дохил кардан лозим аст.

Фаъолияти забон бо тағйироти мунтазам низ, ки бо он умри забон муайян карда мешавад, тавсиф мешавад. Д. Н. Ушаков қайд мекунад, ки умри забон дар тағйирёбии далелҳои он аст. Ҳар гуна тағйирот дар далелҳои забон, аввало, дар забони инфиродии (яъне дар нутқ – Р.Х.) ашхоси алоҳида сар мезананд, баъдан ё гум мешаванд ё доираҳои ҳарчи бештари гӯяндагонро фаро мегиранд [12, 123-124].

Умуман, забон ҳамчун воситаи асосии муоширати одамон дар фаъолияти истеҳсолии ҳамарӯзаи онҳо хизмат мекунад. Бо ёрии забон одамон амалҳои худро мувофиқат мекунанд. Ба ҳама маълум аст, ки тавассути забон таљрибаи дастҷамъӣ аз ҳисоби тажрибаи аъзои алоҳидаи он бой мешавад. Забон ҳамчун воситаи муҳимтарини паҳн кардан ва нигоҳ доштани таҷриба, дониши коллективӣ ва шахсӣ хизмат мекунад. Дар раванди фаъолияти забон мавқеи марказӣ ва бештар муҳимро калимаҳое ишғол мекунанд, ки дар маҷмуъ лексикаи забонро ташкил медиҳанд.

Ҳамаи ин омилҳо барои муайян кардани хусусияти хоси забон ва лексикаи он мусоидат мекунанд. Дар ҳама зуҳуроти ҷамъиятӣ мавҷудияти вазифаҳои методологӣ хос аст. Вазифаи методологии забон ин аст, ки он яке аз омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии материалистии одамон, дар асоси қоидаи моддишавӣ паҳн кардани фаҳмиши ягонаи муҳимияти алоқамандии диалектикии забон ва тафаккур мебошад [4, 289].

Забон маҳсули тайёр буда, дар ҳамин намуд ҳамчун воситаи асосии алоқа барои тамоми аъзои ин ё он ҷомеаи соҳибзабон хизмат мекунад. Бинобар ин забон зуҳуроти иҷтимоӣ-равоншинохтӣ мебошад. Хусусияти иҷтимоию равоншинохтии забон дар он аст, ки дар навбати аввал ҳамчун системаи шахшуда баррасӣ мешавад, ки дар абстраксия (таљрид) аз фаъолияти воқеии нутқ гирифта шудаст. Забон системаи малакаҳои психофизиологӣ дар сари ҳар як шахси алоҳида низ мебошад [2, 206]. Дар забоншиносии иҷтимоӣ андешае ҳаст, ки забон ин шакли идеалии лингвистие мебошад, ки болои ҳама афроди гурӯҳи иҷтимоии муайян ҷалб шуда, дар ҳар яке аз ин афрод ба намуди «нақшҳои» ғайрифаъол – ҳамин гуна системаҳои инфиродии малакаҳои нутқ амалӣ мешавад. Тамоми ин гуфтаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки забон ва психикаи одамон ба ҳамдигар ба таври ҷудонашаванда марбутанд, ки ин боиси алоқамандии ду фан – забоншиносӣ ва равоншиносӣ гаштааст.

Байни равоншиносӣ ва забоншиносӣ як навъ тақсимоти таърихии мавзуи таҳқиқ пайдо шуд: равоншиносӣ равандҳои гуфтор, нутқро меомӯзад ва танлҳо ҳамин қадар бо забон рабт мегирад, зеро онтологияи он дар ин равандҳо ба як

тавре зоҳир мегардад; лингвистикаро ҳамчун система маънидод мекунад, аз ҷиҳати моддӣ ё идеалӣ [Реформатский: 1967, 36]. Аз ин ҷо мушоҳида кардан мумкин, ки байни забон ва нутқ тафовутҳои калон мавҷуданд.

Забон – муҳимтарин воситаи муошırати одамон аст. Он дастоварди ҷамъият ва шайъи таърих мебошад. Забон дар муҳити вақти додашуда тамоми шеваю лаҳҷаҳои гуногун, синфҳои гуногун, нутқи касбӣ, шаклҳои шифоҳӣ ва хаттии нутқро муттаҳид мекунад.

Нутқ ба воситаи унсурҳои забон дар ҷараёни нутқ иҷро мешавад. Амали нутқ – ин истифодаи инфиродӣ ва ҳар дафъа нави забон ҳамчун воситаи муоширати афроди гуногун аст. Амали нутқро физиологҳо, физик-акустикҳо, равоншиносон, инчунин забоншиносон ҳамчун раванд меомӯзанд.

Муайян кардани характери нутқ аз муайян кардани характери забон душвортар аст, чунки нутқ, пеш аз ҳама, на забон, балки амали нутқии алоҳида мебошад. Нутқ гуногун мешавад: *нутқи кӯдак, нутқи мактабхон, нутқи ҷавон, нутқи зан, нутқи мард, нутқи олим, нутқи подабон, нутқи муҳандис* ва ҳ.к., вале нутқ, чӣ хеле ки набошад, он аз забон ҷудонашаванда аст. Дар ҳар як шакли нутқ қисми муайяни забон амал мекунад, ки барои шакли нутқи додашуда хос аст. Фарқи забон аз нутқ дар ин низ ҳаст, ки забон танҳо қисми муайян, вале муҳимтарини фаъолияти забон мебошад. Забон системаи аломатҳоест, ки дар он ягонаи асосӣ пайвастшавии маъно ва чеҳраи акустикӣ мебошад [5, 49].

Фарқи байни забон ва нутқ дар вазифаҳои асосии онҳо дида мешавад. Ҳанӯз дар охири солҳои 60-ум А. А. Леонтев кӯшиш карда буд, ки вазифаҳои забон ва вазифаҳои нутқро фарқ кунад. Ба ақидаи ӯ, вазифаи забон корбурди дар тамоми ҳолатҳо, вазифаи нутқ – корбурди танҳо дар баъзе ҳолатҳои махсус мебошад [6, 99-100].

Шахси алоҳида ҳамарӯза, ҳар соат ба забон муроҷиат карда онро ба кор мебарад. Ҳангоми рӯ овардани фард ба забон мақсадаш амалӣ мегардад. Маусади ӯ ин аст, ки бо ёрии забон ва унсурҳои муайяни он оламро дарк кунад, дар навбати худ, бо ёрии забон ба дигар афрод муроҷиат мекунад, ки

намояндаи ҷамъияти дигари забон аст [6, 26]. Дар баробари рушди ҷомеа ҷаҳонбинии афроди дар ҳамин ҷомеа иқоматдошта низ рушд мекунад. Раванди рушди фарди ҷомеаи муайян тавассути забон ва фаъолияти он амалӣ мешавад. Ҳар гуна тағйирот дар забон ба вазъи илм дар бораи забон таъсир мерасонад, ки дар он равоқи муҳим ва марказиро лексикология - яке аз соҳаҳои асосӣ ва унвонии забоншиносӣ ишғол мекунад. Агар инро бо суханони В. И. Абаев ифода кунем, «лексика – ин оинаи тафаккури халқ ва тарзи ҳаёти ӯст» [1, 48]. Ҳамин тавр, ҳар гуна тағйирот дар забон тавассути таркиби луғавии он амалӣ мешавад.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. – Л.: Наука, Ленинград. отд-ние, 1973. -448 с
2. Бодуэн де Куртенэ И.А. Избранные труды по общему языкознанию. Т. I., - М.: АН СССР, 1963, - 384 с.
3. Будагов Р.А. Что такое развитие и совершенствование языка? –М.: Наука, 1977, - 264 с.
4. Будагов Р.А. Человек и его язык. – М.: МГУ , 1976. -429 с.
5. Засорина Л.Н. Введение в структурную лингвистику. – М.: Высш. школа,1974. -319 с.
6. Леонтьев А.А. Язык, речь, речевая деятельность. М.: Просвещение, 1969, - 214 с.
7. Панфилов А.К. Сборник упражнений по стилистике русского языка. изд., испр. и дом. – М.: Просвещение, 1989 – 206 с.
8. Реформатский А. А. Лингвистика и поэтика.– М.: Юрайт, 2019.-266 с.
9. Реформатский А. А. Введение и языковедение. – М.: Юрайт,2016.-266 с.
10. Русановский В.М. и др. Украинская грамматика. – М., 1986. - 360 с.
11. Серебренников Б.А. Общее языкознание. – М., 1973. -318 с.
12. Ушаков Д.Н. Русский язык: избранные работы. – М.: Просвещение, 1995. -426 с.